ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика: 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих.

Таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» аз дидгоҳи талаботи шароити кунунии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаву инсон ба насли наврас ва ҷавонони замони муосир муҳим ва мубрам мебошад, зеро масъалаи ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон аз салоҳиятҳои асосии шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад.

Дар иртибот ба сатҳи омӯзиш ва коркарди мавзуъ бояд иброз кард, ки таҳқиқот барои кашфи моҳияти ҷанбаҳои педагогии ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ ва рушди минбаъдаи назария ва амалияи масъалаи мазкур мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад мавзуи ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, бо дарназардошти он ки мавзуи мазкур аз ҷониби олимону муҳаққиқони тоҷик ба таври алоҳидаву таҳқиқоти мукаммалу ҳаматарафа то ба имрӯз мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтааст, месазад, ки коркарди ин мавзуъро аз ҷониби довталаб иқдому ибтикори шоиста дар илми педагогикаи миллӣ дар ин самт арзёбӣ кард.

Муҳаққиқ ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагонро тавассути воситаҳои технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, дар ин ҷода ба як идда навгониҳо муваффақ шудааст, зеро таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳо ва таввсияҳои методии аз ҷониби муаллиф ироашуда аз он далолат мекунанд.

Навгонии илмии ин таҳқиқот дар якчанд ҷанбаҳои калидӣ таҷассум меёбад: пешниҳоди пояи қобилиятҳои муҳим оид ба иҷрои машғулиятҳои таҳлили таърихӣ ва баёни назариявии раванди шаклгирӣ ва рушди малакаҳои таҳлилӣ зимни омӯзиши таърих дар таълимгоҳҳо ироа гардидааст; методикаи азхудкунии марҳилавии малакаҳои таҳлили фикрӣ бо роҳи иҷрои пайдарпайи супоришҳо, методикаи баҳодиҳии қобилияти хонандагон ба ин фаъолият ва усулҳои ҳавасмандгардонии он пешниҳод шудаанд; шакли таълими модулӣ ба ҳайси шакли бартариятдошта дар ҷараёни таълим пешниҳод гардидааст;

сатҳи пешрафти салоҳиятҳои таҳлилии хонандагони синфи 10 муайян карда шудааст; меъёрҳои иловагии методологияи лозима барои таъмини натиҷаҳои дилхоҳ мушаххас карда шудаанд.

Мушаххас карда шудааст, ки дастгирии методӣ ҷузъи муҳимми ҳама гуна раванди таҳсилот аст, махсусан вақте ки сухан дар бораи вазъиятҳои беназири педагогӣ меравад. Он далел равшан аст, ки ба дастгирии методӣ дар вазъияти баррасишаванда бояд бо таваҷҷуҳи махсус муносибат карда, саъй гардад, ки ҳамаи омӯзгорони муассиса, сарфи назар аз мансубияти фаннӣ, ба ҷумлаи иштирокдорони доимии он дохил карда шаванд.

Ҳамчунин, исбот карда шудааст, ки истифодаи абзорҳои технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ дар дохили гурӯҳ барои фаъолиятҳои муштарак муҳити муайяни беназирро фароҳам овард, ки дар он ҳар як иштироккунанда, дар сатҳи тақрибан яксони таҷҳизоти технологияҳои иттилоотӣ қарор дорад ва ин ба иштироккунандагони гурӯҳ имкон медиҳад, ки ҳамдигарро хубтар дарк кунанд, муошират муассиртар дошта бошанд ва вазифаи гузошташударо ҳаллу фасл намоянд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқотҳои олимон оид ба ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагонро ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, проблема ва асосҳои назариявию амалии ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ва иттилоотию инноватсиониро муайян кардааст, самаранокии амсилаи пешниҳодкардаашро оид ба ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ аз тариқи озмоиш тасвибу собит кардааст, шароитҳои педагогиву психологии раванди мазкурро муайян карда, технологияҳои истифодаи усулҳои интерактивии таълим ва аҳамияти он дар ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон мавриди азрёбӣ қарор додааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки амсилаи ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ, ки муаллиф коркард ва аз тариқи озмоиш мавриди санҷиш қарор дода, пешниҳод кардааст, ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати дониши хонандагон истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими фанҳо қарор гиранд.

Унвонҷӯй дар мураттабсозии рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмадро кори илмии баанҷомрасида ва дорои арзиши илмии назариявӣ ва амалӣ арзёбӣ кард.

Автореферати диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, инчунин, ба Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12.2024, №493 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ буда, муҳтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшаванда чопнамудаи муаллифи рисола мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос мекунанд.

Дар умум, кори таҳқиқотии Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591) ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих сазовор мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои педагогӣ,
директори Маркази ҷумҳуриявии
таълимию методии назди Вазорати
маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Каримзода

"Имзои Шавкат Каримзодаро тасдиқ мекунам"

Мудири шуъбаи таъминоти кадрӣ
ва коргузории МҶТМ ВМИ ҶТ Кабутов Л.

Маълумот барои тамос:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш 50,
Тел.: +992 (93) 8039392.
E-mail: shavkatnormatov@mail.ru.

01.10.2026.